# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Солиҳов Маҳмадсалим Маҳмадуллоевич дар мавзуи «Такмилдиҳии технологияи самараноки захираи намӣ вобаста аз коркарди чуқурии хок дар заминҳои лалмии водии Ҳисор» диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктораз рӯйи ихтисоси 6d080101 – Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ.

Яке аз талаботҳои имрӯзаи бозори маҳсулоти озуқаворӣ, баланд бардоштани ҳсилнокии зироатҳои дар заминҳои лалми мебошад. Аз ин лиҳоз, корҳои илмию таҳқиқотии муаллиф доир ба технологияи самаранокии захираи намӣ дар заминҳои лалмии Тоҷикистони Марказӣ барои рӯёнидани ҳосили фаровони дон, анбӯҳи сабз ва истеҳсоли маводҳои ғизоӣ, аз ҷумла равғани растании аз ҷиҳати экологӣ тоза равона гардидааст мубрам мебошад.

Аз мазмуни рисолаи муаллиф Солиҳов М. М. малум мешавад,ки дар заминҳои лалмии ҷумҳурӣ барои рӯёнидани ҳосили баланд технологияи захираи намӣ накши асосиро ишғол менамояд. Дар рисола муаллиф сабаби риоя накардани омилҳои технологияи парвариши зироатҳо, аз ҷумла риоя накардани киштгардон, истифодаи тухмиҳои ғайрикондитсионӣ, интихоби нодуруст бо роҳи истифодаи навъҳои каммаҳсул, коркарди бесифати хок ва монанди инҳо, хоҷагидорон ҳосили хеле паст мерӯёнанд. Технологияи захираи намӣ вобаста аз коркарди хок дар заминҳои лалмӣ дар ҷумҳурии мо ҳанӯз пурра омӯхта нашудааст.

Муаллиф хулоса намудааст, ки низоми коркарди минималӣ ва сифрии хок – дар мавриди аввал барои камхарҷии хароҷоти кишт ва дар мавриди дуюм бошад бо мақсади ҳимояи хок аз фарсоиши обӣ ва бодӣ, пастсозии таҷзияи барзиёди гумуси хок, пешгирии вайроншавии ҳолатҳои физикии хок аз рӯйи истифодабарии технологияҳои вазнин ҳангоми шудгор ва коркарди хок аҳамияти калон дорад ва ҳосилнокии хокро нигоҳ медорад.

Унвонҷӯ Солиҳов Маҳмадсалим Маҳмадуллоевич бори аввал дар заминҳои лалмии аз боришот таъмини Тоҷикистони Марказӣ дар асоси гузаронидани таҳқиқотҳои илмӣ самаранокии технологияи захираи намӣ вобаста аз чуқурии коркарди хок муайян намудааст, ки он рӯёнидани ҳосили баланд ва устувори зироатҳои мушунг, маъсар ва зағирро таъмин менамояд. Инчунин, таъсири чуқурии коркарди хокро ба ташаккулёбии биомассаи биологӣ, масоҳати барг, нишондодҳои

фотосинтетикӣ ва сохтори таркибии ҳосили зироатҳои лӯбиёдонагӣ ва равғандиҳанда исбот кардааст.

Дар натиҷаи таҷрибаҳои саҳроии хунвонҷу дар шароити заминҳои лалмии минтақаи Ҳисор методикаи коркарди хок ва захирашавии намӣ барои зироатҳои мушунг, маъсар ва зағир таҳия намудааст, ки мутаносибан аз ҳар як гектар гирифтани 18; 23 ва 12 сентнер ҳосили донро таъмин карда мешавад.

Диссертатсия хело хуб бо тариқи мамул ва мазмуни хуб дар ҳаҷми 145 саҳифа таҳия гардида, аз 4 боб, муқаддима, қисми таҷрибавӣ, натиҷаҳои таҳқиқот, самараи иқтисодӣ, хулосаю пешниҳодҳо ба истеҳсолот, 22 расм, 31 ҷадвал, 15 диаграмма иборат буда, рӯйхати адабиёт 112, аз ҷумла 14 муаллифони хориҷиро дар бар гирифта, дар он замимаҳо дарҷ гардидааст.

Натиҷаи тадқиқоти илми барои хоҷагиҳои деҳқони ва корхонаҳои давлати ҳамчун дастури методи аҳамияти калони илмӣ ва истеҳсолӣ дорад. Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф дар истеҳсолот таҷрибаи амалиро гузаштааст.

Дар хулоса қайд карданиам, ки диссертатсияи Солиҳов Маҳмадсалим Маҳмадуллоевич аз рӯи зарурати омӯзиши мавзӯъ, навгониҳои илми, мазмуни илмию амалии натиҷаҳои ба даст овардашуда ба Низомномаи КОА- и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиби сарфароз гардонидан ба дараҷаҳои илмӣ аз 26-уми ноябри соли 2016 №505 ҷавобгӯ бӯда, муаллифи он_ сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6d080101 – Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ мебошад.

Профессори кафедраи ботаника ва дендрологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон доктори илмҳои кишоварзӣ (аз рӯйи ихтисоси 06.01.01 – зироаткории умумӣ, растанипарварӣ)
Суроға: ш. Душанбе, Рудаки-17.
E-mail: sattorov59@mail.ru
Tel: +907969476

Сатторов Р.Б.

Имзои доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор Сатторов Р.Б.-ро тасдиқ менамоям: сардори шуъбаи кадрҳо ва кадрҳои махсуси ДМТ

Тавқиев Э.Ш.

25.05.23